Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 97 (4837) | ҶУМЪА, 9 АВГУСТИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



**8-уми августи соли 2024 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Вохӯрии шашуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҳамоиши якуми сарони давлатҳои муколамаи «Осиёи Марказӣ ва Ҷопон» ба шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон сафар карданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро вазири корҳои хориҷӣ, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои робитаҳои хориҷӣ, вазирони рушди иқтисод ва савдо, молия, саноат ва технологияҳои нав, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, раиси

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ҚАЗОҚИСТОН

Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ намуданд.

**8-уми августи соли ҷорӣ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иштирок дар Вохӯрии шашуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Ҳамоиши якуми сарони давлатҳои муколамаи «Осиёи Марказӣ ва Ҷопон» ба шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон ворид шуданд.**

Дар Фурудгоҳи байналмилалии ба номи Нурсултон Назарбоев Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Сарвазири Ҷумҳурии Қазоқистон Олжас Бектенов ва дигар намояндагони воломақом гарму самимӣ истиқбол гирифтанд.

Ба истиқболи меҳмони олиқадр майдони фурудгоҳ бо парчамҳои давлатӣ оро ёфта, қаровули фахрӣ саф оростанд.

**8-уми августи соли равон дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон дар доираи Вохӯрии шашуми машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ барномаи муштараки консертии «Шоми дӯстӣ» баргузор гардид.**

Дар барномаи фарҳангии «Шоми дӯстӣ» Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Қосим-Жомарт Токаев, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Садир Жапаров, Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев иштирок намуданд.

Аҳли фарҳангу санъати кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Озарбойҷон барномаи бошукӯҳу пурмуҳтавои фарогири муштаракоти таърихиву фарҳангӣ, анъанаҳои деринаи ҳусни ҳамҷаворӣ ва равобити некро ба таври шоиста тараннум ва пешниҳоди иштирокдорони чорабинӣ карданд.

Барномаи муштараки рангини консертии «Шоми дӯстӣ» хеле дилписанду фараҳбахш доир гардид ва меҳмонони олимақом ба ҳунару истеъдоди аҳли фарҳангу санъат баҳои баланд доданд.

**www.prezident.tj**





Забон ва ҳусни баён

# МО ЧАНД «ОШХОНАИ МИЛЛӢ» ДОРЕМ?

## (Назари иҷмолӣ ба навиштаҷоти «Ошхонаи миллӣ»)




**Ному нишон, шиору овеза, лавҳаю реклама, расму нигора, пайкараю нимпайкара ва муҷассамаю ангораҳое, ки шаҳрҳоро оро медиҳанд, на танҳо нишоне аз зебоиҳои рӯзгоранд, балки метавонанд хизмати созандае барои мардум анҷом диҳанд.**

Воқеан, шиори зебо, даъвати бамаврид, сухани созанда, ифодаи баҷо ё як гуфтори ҳакимона метавонад дар инсон дигаргунии мусбате ба вуҷуд биорад, ки онро шояд як китоби бузург натавонад.

Манзур аз ин гуфтаҳо он аст, ки агар мо чизеро ба мардум пешниҳод карданӣ шавем, лавҳаеро овезем ё эълону рекламаро насб намоем, аввал бояд онро хуб омӯзему дар мизони ақлу хирад баркашем. Он чиро гӯем, ки басо санҷида, сара ва пухтаю рехта бошад. Сухане бошад ба чашму дил наздик. Ҳар касе хонад, навиду армуғон ёбад ва раҳнамою роҳкушояш гардад, маълумоте дарёбад, то ба сӯеву ба кӯе раҳнамун шавад. Набояд касе ба иштибоҳ афтад, озурда гардад, сарсону саргардон ва саргуму раҳгум монад. Дар ин маврид, кори мо хизмати хирсонае хоҳад буд назди як ҳамватан, як сайёҳу меҳмони хориҷӣ.

Агар мо дар иҷрои ин амал масъулияте бар дӯш бигирему эҳтироме ба забони модарӣ ва қонуну меъёрҳои он қоил бошем, ҳаргиз ба хато роҳ намедиҳем. Намегузорем номҳои номувофиқ, овезаҳои бемаънӣ, шиорҳои забонзадаю авомона, ки аслан ба ҳеҷ дарде намехӯранд, ба баландиҳо бароянд, ба расонаҳо роҳ ёбанд ва ё аз минбарҳо садо диҳанд.

Дуруст аст, ки на ҳар кас забонро медонаду аз қонуну қоидаҳои он бохабар аст, вале онҳое, ки медонанд, набояд хомӯшию бетарафиро ихтиёр кунанд ва ба ин ноҷӯриҳо чашм пӯшанду гӯш ба карӣ андозанд.

Ҳоло наметавон атрофи он ҳама нуқс, ки дар номгузорию лавҳанигорӣ ва шиорпартоиҳои мо ба чашм мерасанд, як-як истода гузарем. Мехоҳем атрофи як навиштаҷоти хато, ки имрӯз хел оммавӣ шудааст, андешаҳои худро баён намоем.

Ин эрод ба навиштаҷоти «Ошхонаи миллӣ» рабт дорад, ки гумон мекунам сари ҳар қадам ба ин ифода вомехӯрем. Суоли матраҳ ин аст, ки оё воқеан, ошхона миллӣ мешавад? Ба гумони мо ошхона миллӣ буда наметавонад, зеро як ошхона, агар ҳар қадар бузург ҳам бошад, наметавонад рисолати миллӣ касб кунад.

Дуруст аст, ки мо Бонки миллӣ, Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ, Донишгоҳи миллӣ, Боғи миллӣ ва боз бисёр муассисаву маконҳои дигари миллӣ дорем, ки шумораашон воҳид аст. Вале ҳанӯз ошхонаи миллӣ надорем, ки ба дигар муассисаҳои миллии мо баробар бошад. Бигузор, дар ҳамин радиф боз ошхонае бисозем, ки ба ҳайси ошхонаи миллӣ хизмат кунад. Вале набояд шумори он аз як адад бештар бошад.

Ин ифодаро ҳангоме дар мизони мантиқ бармекашем, ҳеҷ маъние ба бор намеорад. Ҳарчанд ин иштибоҳ аз ҷониби худи соҳибони ин ошхонаҳо сар задааст, дар маҷмӯъ, мо ҳама дар ин хато саҳм дорем. Чаро ки паи ислоҳаш боре садо баланд накардаем.

Нахуст бояд гуфт, ки ошхона ҳеҷ гоҳ миллӣ шуда наметавонад, зеро он ҷоест, ки мардум дар он ҳамарӯза ғизо мехӯранд. Танҳо ғизо миллӣ буда метавонад, зеро дар ин гуна ошхонаҳо боз ғизоҳои дигаре ҳам ҳастанд, ки ба миллатҳои дигар мансубанд ва мо ҳам онҳоро роҳат истеъмол менамоем. Имрӯз ошхонаҳои мо, аслан, таомҳои омехта мепазанд.

Агар бошанд ошхонаҳое, ки дар онҳо танҳо таомҳои миллӣ омода намоянд, пас, масъулини онҳо ҳақ доранд дар равоқи ошхонаҳояшон бехато, бо ҳарфҳои зебо ва хоно чунин бинависанд: «Ошхонаи миллӣ».

**Алихон ЗАРИФӢ, «Садои мардум»**

# ГИРЕҲКУШО

**- Марде, ки пушти дари ҳуҷраи озмун равуо дорад, нисбат ба мо таҷрибаноктар аст, - гуфт сарвари литсейи ба номи Исмоили Сомонии шаҳри Кӯлоб Пирмуҳаммад Сабуров ва илова намуд: - Ҳеҷ нафаре аз мо мисли ӯ шогирдони худро мухлисӣ карда наметавонад.**



Ӯ директори яке аз муассисаҳои таълимии ноҳияи Данғара Холназар Ҳукуматов аст. Дар вилоят аз ҷумлаи нахустинҳоест, ки сарварии мактаби типи навро ба уҳда дорад...

Ин лаҳзаи ошноӣ моҳи январи соли 2003 дар бинои раёсати маорифи вилояти Хатлон ба вуқӯъ пайваста буд. Он вақт тавассути нишондодҳои омории соҳа медонистам, ки бештари ҷойҳои ифтихорӣ дар олимпиадаю озмунҳо насиби хонандагони мактабҳои ноҳияи Данғара, хусусан шогирдони Холназар Ҳукуматов, мешаванд.

Баъд аз чанде бо нияти воқиф шудан аз сирри муваффақиятҳои ин марди шариф озими деҳаи Рахшонзамини ноҳияи Данғара шудам. Шиносоӣ аз осорхонаи мактаб оғоз шуд. Дидам, ки аксари навиштаҷоту нигораҳои осорхона ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мансубанд. Устод ба акси дастаҷамъонаи дар девор овезони солҳои хониши 1959-1969-и хонандагони мактаб ишора карда гуфт:

- Роҳбари кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хатмкардаи ҳамин мактабанд.

Лаҳзае баъд ба синфхонае рафтем, ки дар он Сарвари давлатамон сабақ гирифтаанд.

Баъд аз тамошои осорхона бо муаллимони мактаб, хусусан бо шодравон Асомуддин Ҳақназаров, ки ба Пешвои миллат ҳаққи устодӣ доштанд, ҳамсуҳбат шуда будам.

- Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон замони роҳбарии хоҷагиро ба дӯш доштан мудом ба мактаб меомаданд. Дафтари хонандагонро варақгардон карда, аз вазъи дарсазхудкунии онҳо пурсон мешуданд. Муносибати роҳбари ҷавони хоҷагӣ буд, ки хонандагони камҳавсалаи сустхон ислоҳ шуданд. Бинобар ин, ман рафтори собиқ сарвари хоҷагиро нисбат ба таълиму тарбия яке аз ҳазор фазилаташон медонам, - гуфта буд дар поёни суҳбат муаллими куҳансол.

**РОҲАНДОЗИИ ТАҶРИБА**

Омадаму бидуни таъхир шакли таълимро дар гимназияи хеш дар асоси тавсияҳои Холназар Ҳукуматов роҳандозӣ намудам. Дар ин замина, нуфузи таълимгоҳ ба таври назаргир тамоюли болоравӣ касб намуд. Баъдан, дар ҳар суҳбату вохӯрӣ Холназар Ҳукуматов таъкид мекард:

- Пешравии мактаб, хусусан мактабҳои типи нав, пеш аз ҳама, ба донишу сатҳи кордонии мудирон вобастагӣ дорад. Усули корбарии сарварони ин гуна мактабҳо шабеҳи роҳбарони тимҳои машҳури варзиш аст, ки мудом дар андешаи дарёфти мураббиёни таҷрибадору беҳтаранд.

Натиҷаи кори омӯзгор замоне самаровар мегардад, ки ӯ аз ҳама мушкилоти зиндагӣ орӣ бошад.

**АЁДАТ**

Баҳори соли 2010 бо мақсади инъикоси рафти омодагиҳо ба Ҷашни байналмилалии Наврӯз дар рӯзномаи «Садои мардум» бо чанде аз ҳамкасбон дар ноҳияи Данғара қарор доштем ва бо ҳамкасби ҷавони худ ба аёдаташ рафтем.

- Вақтҳои охир дарди дил ранҷ дод. Табибон тавсия доданд, ки ба Олмон равам. Шукр, ки ҷарроҳӣ нағз гузашт. Бояд чанд рӯзи дигар табобат мегирифтам, аммо идомаи онро бо мақсади бо шогирдону аҳли ноҳия истиқбол гирифтани ҷашни Наврӯз салоҳ надонистам, - пас аз аҳволпурсӣ арз дошт ӯ.

Сипас, рӯи рахти хоб боэҳтиёт дароз кашиду гуфт:

- Навиштаҳоятро дар рӯзномаи «Омӯзгор» мехонам. Ҳалли ҳеҷ мушкилӣ ба осонӣ даст надодаасту намедиҳад. Рафъи онҳо ғайрату неру, сабру истодагарӣ мехоҳад. Расидан ба музаффарият аз кушодани гиреҳҳо ибтидо мегирад.

Омӯзгори таҷрибадор дар хулосаи андешаҳои хеш ҳақ буд.

Боре аз вазъи тандурустию фаъолияти касбияш пурсон шудам.

- Ба нафақа баромада, се моҳ дар хона истироҳат намудам, аммо пешниҳоди раиси собиқи ноҳия Маҳмадулло Сайдализодаро оиди ба уҳда гирифтани сарварии литсейи тамоюли техникии ба номи Афлотун рад карда натавонистам. Фаъолияти таълимии литсей аз сифр оғоз шуд. Раис шарт гузошт, ки ягон омӯзгорро аз таълимгоҳҳои типи нави ноҳия, ба вижа мактаби президентию мактаби собиқи худ, ба таълим ҷалб насозам. Мақсади раис халалдор накардани ҷараёни таълиму тарбия дар мактабҳои мазкур буд. Лозим омад, ки аз дигар манотиқи кишвар, бахусус Бадахшон, чанд омӯзгори болаёқатро тавассути шартнома ба кор даъват намоям…

**АНҶОМ**

Хоксорию фурӯтанӣ аз сифатҳои ӯст. Тӯли беш аз 20 соли ҳамкорию шиносоӣ боре ҳам фаъолияташро тавсиф накардааст. Гоҳе айни муаррифии зиндагиномаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чеҳраи гарму нурониашро ба сифати ҳамсабақ ва дӯсти замони бачагии эшон медидаму ба худ қавл медодам, ки ин навбат бидуни пурсишу ишора қаламу коғаз гирифта, хотироти хешро дар бораи ӯ рӯи сафҳа меорам…

Ниҳоят, рӯзи нишасти матбуотии роҳбарияти ноҳияи Данғара ӯро дидам, ки гуфт:

- Кам хабар мегирӣ.

Баъд аз анҷоми нишаст бидуни огаҳӣ ба суроғаш рафтам, аммо наёфтам. Тавассути телефон изҳори мақсад карда, ҳолномаашро бо иҷозаи худи ӯ аз компютери котиба гирифта, варақгардон кардам: Корманди шоистаи Тоҷикистон, дорандаи медали Хизмати шоиста Холназар Ҳукуматов 55 сол собиқаи омӯзгорӣ дорад. Тӯли 28 соли роҳбарии ӯ дар ду мактаби типи нав - гимназияи ҷумҳуриявӣ ва литсейи тамоюли техникии Афлотун шогирдонаш 170 ҷойи ифтихориро дар озмуну олимпиадаҳо соҳиб шудаанд.

Ин нишондод самараи ҷаҳду талошҳо, бедорхобию азхудгузаштанҳои ин марди ҷонфидои маорифи кишвар аз деҳи Рахшонзамин аст, ки шоистаи тавсифу таҳсин мебошад.

**Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, рӯзноманигор, узви шурои куҳансолони Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон дар вилояти Хатлон**



# АЗ НИШАСТҲОИ МАТБУОТӢ



## МАОРИФ. 39 МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ ВА БИНОИ ИЛОВАГӢ ДАР ШАШ МОҲ

**Соли 2024 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ сохтмони 360 биноимуассисаи таҳсилоти умумӣ ва бинои иловагӣ барои 73 962 ҷойи нишаст дар як баст ба нақша гирифта шудааст. Тавре зимни нишасти матбуотии Вазорати маориф ва илм иттилоъ дода шуд, то имрӯз 39 муассисаи таҳсилоти умумӣ ва бинои иловагӣ барои 7 ҳазору 884 ҷойи нишаст дар як баст ба истифода дода шудааст, ки даҳ дарсади нақшаро ташкил медиҳад.**

Дар нимсолаи якуми таҳсилот норасоии 2670 омӯзгор ба қайд гирифта шуда, бо мақсади бартараф кардани ин мушкил 2170 донишҷӯ дар мувофиқа бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таълимӣ сафарбар гардидаанд.

Тибқи дархости раёсату шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ҳоло ин зинаи таҳсилот ба 4301 кадр эҳтиёҷ дорад.

Дар нақшаи таълимии намунавии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ барои солҳои 2024-2025 баъзе тағйирот ворид шуд. Минбаъд хештаншиносӣ, забони давлатӣ ва забонҳои русию англисӣ дар гурӯҳҳои ғайритоҷикӣ чун машғулияти ҳатмӣ ҳафтае 2 маротиба таълим дода мешавад. Ҳамчунин, ҷадвали басти воҳидҳои кории ин муассисаҳо, ки аз замони шуравӣ амал менамуд, таҷдиди назар шуда, мураббии марказ (гурӯҳ)-и инкишофи барвақтии кӯдак ва омӯзгорони фанҳои русию англисӣ чун воҳиди алоҳидаи корӣ ворид гардид.

Дар ин нимсола 47 номгӯйи китобҳои дарсӣ бо теъдоди 1 миллиону 574 ҳазор нусха нашр шуд. Айни замон чопи 36 номгӯйи китобҳои дарсӣ бо шумораи 1 миллиону 570 ҳазор нусха идома дорад, ки давоми сол нашр ва ба муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дастрас мешавад.

Иштироки 2181 хонанда дар даври ниҳоии 15 олимпиадаи байналмилалӣ ва сазовори ҷойҳои намоён (230 ҷойи якум,730 ҷойи дуюм ва 1175 ҷойи сеюм) гардидани онҳоро, ки нисбат ба соли 2023-юм 997 нафар зиёд аст, аз хабарҳои фараҳбахши нимсолаи аввали соли 2024 метавон арзёбӣ кард.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум»**

## МУСОДИРАИ ҲАБҲОИ ПСИХОТРОПӢ 4,6 МАРОТИБА АФЗУДААСТ

**- Дар нимсолаи якуми соли 2024 дар ҷумҳурӣ аз муомилоти ғайриқонунӣ 3 тоннаю 96 килою 616 грамм маводи нашъаовар мусодира шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 619 кило зиёд мебошад. Аз ин ҳисоб 2 тоннаю 89 кило ба Вазорати корҳои дохилӣ, 789 кило ба Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, 217 килою 820 грамм ба Агентии назорати маводи нашъаовар ва 508 грамм ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия рост меояд,- иброз намуд директори Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Самад Зафар 29-уми июли соли равон дар нишасти матбуотӣ.**



Зикр гардид, ки тайи 6 моҳи аввали соли равон аз ҷониби агентӣ 55 ҷинояти вобаста ба маводи нашъаовар ошкор шуда, фаъолияти 15 гурӯҳи ҷиноятӣ дар ҳайати 37 нафар қатъ гардид.

Самад Зафар иброз намуд, ки дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дар нимсолаи якуми соли равон 13 ҳазору 731 дона ҳабҳои психотропӣ мусодира гардид, ки дар қиёс бо ҳамин давраи соли гузашта 4,6 маротиба ё 10 ҳазору 776 дона зиёд мебошад. Ҳамчунин, аз муомилоти ғайриқонунӣ 84 кило моддаҳои психотропӣ дар шакли хока мусодира шудааст, ки 80 килою 977 грамми онро «метамфетамин» ташкил медиҳад.

Қайд гардид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон лабораторияҳои истеҳсоли маводи нашъаовар ва кишти кӯкнор ҷой надошта, онҳо аз дигар кишварҳо, алалхусус Афғонистон, бо роҳи қочоқ ворид мешаванд.

Дар нимсолаи якуми соли равон аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон 11860 ҷинояти умумӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 248 ҷиноят зиёд мебошад. Аз ин шумора 419 ҷиноят вобаста ба маводи нашъаовар буда, дар қиёс бо ҳамин давраи соли сипаригардида 28 ҷиноят зиёд аст.

Самад Зафар зикр намуд, ки дар 6 моҳи аввали соли равон барои содир кардани ҷиноятҳои вобаста ба маводи нашъаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 515 нафар дастгир карда шудааст, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта 87 кас зиёд мебошад.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**

## МОҲИПАРВАРӢ РУШДИ БОМАРОМ ДОРАД



**Дар шаш моҳи аввали соли равон нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 истеҳсоли ғалладона 19919 тонна, картошка - 5601, сабзавот - 129 ҳазору 50, полезӣ -113 ҳазору 747, мевагӣ - 39 408, ангур - 362 ва хӯроки чорво 15821 тонна зиёд гардид.**

**Истеҳсоли гӯшти чорво ба 107,6 ҳазор тонна расид, ки ин нишондиҳанда дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 6,8 ҳазор тонна зиёд мебошад. Дар ин хусус муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нигина Анварӣ 25-уми июли соли равон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**

Зикр гардид, ки дар баробари таъмини бозори истеъмолии кишвар бо маҳсулоти худӣ 131,6 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ ба маблағи 124,4 миллион доллари ИМА содирот шуд. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта содирот 12,1 ҳазор тонна кам ва аз рӯи арзиши гумрукӣ 25,5 миллион доллари ИМА ё 25,8 фоиз зиёд мебошад.

Иттилоъ гирифтем, ки барои кишти соли 2024 аз хориҷи мамлакат 145,7 тонна тухмии зироат, аз ҷумла тухмии сабзавоти гибридии насли якум 135 килограмм, гандуми элита - 21,6 тонна, репродуксияи якуми картошка - 40 тонна ва нахӯд 66 тонна, ворид гардидааст.

Дар мамлакат шумораи хоҷагиҳои моҳипарварӣ торафт зиёд мешавад. Ҳоло дар ҷумҳурӣ 385 хоҷагии моҳипарварӣ дар масоҳати умумии 2791,4 гектар фаъолият доранд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2023 шумораи онҳо 15 адад ва масоҳати ҳавзҳои моҳипарварӣ 29 гектар зиёд мебошад. Тибқи маълумоти оморӣ дар 6 моҳи аввали соли равон 1640 тонна моҳӣ истеҳсол гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 495 тонна зиёд аст.

Дар нишаст зикр гардид, ки соҳаи парандапарварӣ яке аз соҳаҳои асосӣ ба ҳисоб рафта, дар таъмини аҳолӣ бо ғизои сафедадор мавқеи намоён дорад. Алҳол шумораи умумии корхонаҳои парандапарварии мамлакат 228 ададро ташкил медиҳад, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли сипаригардида 10 адад бештар аст.

Сари вақт ҷамъоварӣ намудани ҳосил, кишти такрорӣ, захираи тухмии зироати кишоварзӣ, омодагии ҳамаҷониба барои гузаронидани кишти сабзавот ва картошкаи барвақтӣ дар гармхонаҳо аз вазифаҳои асосии вазорат барои нимсолаи дуюми соли 2024 арзёбӣ шуд.

**С. АМИНИЁН,**
**«Садои мардум»**

## ҶАМЪОВАРИИ 1,3 ТОННА ГИЁҲҲОИ ШИФОБАХШ



**Бисту шашуми июли соли ҷорӣ дар Муассисаи давлатии «Хоҷагии ҷангали минтақаи Кӯлоб» нишасти матбуотӣ баргузор гардид. Директори муассиса Тоирхон Амиршозода изҳор дошт, ки дар шаш моҳи аввали соли равон хоҷагиҳои ҷангали ноҳияҳои Балҷувон ва Муъминобод бо ширкатҳои дорусозӣ ҳамкориро ба роҳ монда, 1,3 тонна гиёҳҳои шифобахшро ҷамъоварӣ намуданд.**

- Хоҷагидорон дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ 157,8 гектар ҷангал бунёд ва 597,6 гектар ҷангалзорро барқарор карданд, - афзуд номбурда.

Зикр шуд, ки яке аз самтҳои фаъолияти кормандони хоҷагии ҷангал муҳофизати ҷангал ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳа мебошад. Дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ 222 санад ба маблағи 85 ҳазору 345 сомонӣ тартиб дода, дар ин замина ашхоси муҷрим 85345 сомонӣ ҷарима шуданд. Аз ин 186 санад ба буриши худсаронаи ҷангал, 40 санад ҷамъоварии худсаронаи гиёҳҳои шифобахш, 11 санад чорвочаронии худсарона ва 6 санад ба шикори ғайриқонунии ҳайвоноту парандагон рост меояд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ, «Садои мардум»**



## НИГАРОНӢ АЗ КАМБУДИҲО ДАР ЛОИҲАИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

**- Таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз вазифаҳои асосии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, дар нимсолаи аввали соли 2024-ум 5 лоиҳа таҳия гардид,- изҳор дошт 26-уми июли соли равон зимни нишасти матбуотӣ директори марказ Изатулло Саидзода.**

Гузаронидани таҳқиқотҳои илмию таҳлилӣ оид ба ҳолат, раванди инкишоф ва амалияи истифодаи қонунгузорӣ яке аз вазифаҳои асосии ин ниҳод ба ҳисоб рафта, вобаста ба ин кормандон 48 мақолаи илмӣ-оммавӣ ва машваратро дар мавзуъҳои гуногун иншо ва дар маҷаллаҳои илмии ватанию хориҷӣ, сомонаи марказ ва шабакаҳои иҷтимоӣ нашр намуданд.

Ҳамчунин, дар нимсолаи аввали соли равон 4 таҳқиқоти муқоисавию ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» бо қонунгузории ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Беларус ва Федератсияи Россия, гузаронида шуд.

Илова бар ин, маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ», тафсири қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (нашри аввал), «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон», «Танзими ҳуқуқии бозори хизматрасонии фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Функсияи экологии Тоҷикистон дар шароити муосир» нашр гардиданд.

**Муҳаммад ЗОКИР,**
**«Садои мардум»**



## ДАР 7403 ИНШООТИ ҶАШНӢ ТО ҲОЛ КОР ОҒОЗ НАГАРДИДААСТ

**Ҷиҳати омодагӣ ба Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1-уми июли соли ҷорӣ бунёди 28 ҳазору 649 иншоот ба нақша гирифта шуда, айни замон 14 ҳазору 157 иншоот ба истифода дода шуд. Алҳол дар 7089 иншоот корҳо идома дошта, дар боқимонда то ҳол корҳо оғоз нагардидаанд. Дар ин хусус 29-уми июли соли равон раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Низом Мирзозода иттилоъ дод.**

Зикр гардид, ки дар 6 моҳи аввали соли ҷорӣ лоиҳаҳои муфассали банақшагирии 23 минтақаи алоҳидаи шаҳри Душанбе аз ҷониби пажӯҳишгоҳҳои соҳавӣ пас аз такмил ба Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ирсол гардид.

Бо мақсади тарбияи кадрҳои соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ аз ҷониби мутахассисони маҳаллӣ ва хориҷӣ бо иштироки муҳандисон, лоиҳакашон, конструкторон ва меъморони кумита дарсҳои омӯзишӣ гузаронида шуд. Инчунин, вобаста ба таъмини хатмкунандагон бо ҷойи кор, беҳтар намудани заминаи моддию таълимии донишгоҳ, густариши ҳамкориҳои илмиву амалӣ, бозомӯзӣ ва баланд бардоштани тахассуси касбии кадрҳои сохтмонӣ, амалисозии барномаҳои асосии таълимоти касбӣ байни Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ шартномаи ҳамкорӣ ба имзо расида, дар пажӯҳишгоҳҳои лоиҳакашии зерсохтори кумита синфхонаҳои таҷрибавию амалӣ ташкил шуд.

Айни замон тасҳеҳи нақшаҳои генералии шаҳру ноҳияҳои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Бобоҷон Ғафуров, Ҳисор ва Хуҷанд идома доранд.

**С. СУННАТӢ, «Садои мардум»**

## РАШТ. ДАСТОВАРДҲОИ КИШОВАРЗӢ ХУШҲОЛКУНАНДА АСТ



**- Дар шаш моҳи аввали соли 2024 нақшаи воридоти андоз ба буҷети маҳаллии ноҳия 113,4 фоиз иҷро шуда, 21 миллиону 938 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст, ки аз нақшаи пешбинишуда 2 миллиону 755 ҳазор сомонӣ ва нисбат ба нишондоди ҳамин давраи соли гузашта 3 миллиону 807 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад, - гуфт раиси ноҳияи Рашт Зарина Идизода зимни нишасти матбуотӣ.**

Дар давраи мавриди назар истеҳсоли маҳсулот дар ноҳия 352 миллиону 615,8 ҳазор сомониро ташкил дод, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 70 миллиону 220,5 ҳазор сомонӣ (24,8 фоиз) зиёд аст.

Дар нимсолаи якуми соли 2024 истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ 161 миллиону 824,9 ҳазор сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба соли гузашта 20 миллиону 586,2 ҳазор сомонӣ ё 14,6 фоиз беш мебошад.

Масоҳати боғот дар ноҳия 4775 гектар аст, ки 1606 гектар ба хоҷагиҳои кишоварзӣ рост меояд. Бунёди боғҳои нав дар соли 2024 дар 17 гектар ба нақша гирифта шуда, нақша барзиёд иҷро гардид.

Масъалаи ҳалталаб таъмирталаб будани пойгоҳҳои обкашӣ ва каналу заҳбурҳо мебошад. Вобаста ба ин мушкилот ба Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ мактубҳои расмӣ ирсол шуда, лоиҳаҳо таҳия ва пешниҳод гардидаанд.

Корхонаҳои истеҳсолии ноҳия ба 31 адад расидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 11 адад зиёд мебошад.

**Диловари МИРЗО,**
**«Садои мардум»**

## ОМӮЗГОРОНИ ДТТ СОҲИБИ 5 ПАТЕНТ ШУДАНД

**- Дар донишгоҳ аттестатсияи хатми тахассусӣ аз рӯйи 37 ихтисоси шуъбаи рӯзона, 13 ихтисоси таҳсилоти фосилавӣ – ғоибона ва 7 ихтисоси шуъбаи магистратура гузаронида шуд, - қайд намуд ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Зоир Раҳмонзода зимни нишасти матбуотӣ 26-уми июли соли равон.**

Донишгоҳ тӯли фаъолият зиёда аз 17662 мутахассисро барои соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар тайёр намуд. Аз ин теъдод зиёда аз 675 нафар донишгоҳро бо дипломи аъло хатм кардаанд

Зикр шуд, ки дар донишгоҳ 63 донишҷуи хориҷӣ - 7 нафар аз Афғонистон ва 56 нафар аз Ӯзбекистон таҳсил менамоянд.

Аз он қаноатмандӣ шуд, ки дар шаш моҳи аввали соли равон омӯзгорон ба гирифтани 5 патент оид ба ихтирооти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва



4 натиҷаи мусбат оид ба гирифтани патент ноил гардиданд.

Илова бар ин, донишгоҳ дар амалӣ гардидани лоиҳаҳои «Барномаи ЭРАСМУС + Иттиҳоди Аврупо», «Таҳсилоти касбӣ барои бахшҳои рушди иқтисодӣ дар Осиёи Марказӣ»-и Созмони ҳамкориҳои байналмилалии Олмон (GIZ), ташкилоти кореягии WTIT «Интиқоли технологияҳои коммуникатсионии глобалӣ» ва Маркази байналмилалии тиҷоратӣ (ITC) фаъолона иштирок намуда истодааст.

**Фарҳунда АБДУЛҲАКИМОВА,**
**«Садои мардум»**

## 90 ФОИЗИ ХАТМКАРДАҲО БО ҶОИ КОР ТАЪМИНАНД

**- Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз муассисаҳои бонуфузи илмию таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар такомули соҳаи илму маориф, баланд бардоштани худшиносии миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва тарбияву омода намудани мутахассисони баландихтисос нақши муҳим дорад, - гуфт ректори он Маҳмадалӣ Қурбонзода зимни нишасти матбуотӣ.**

Зикр шуд, ки мувофиқи раддабандии Агентии давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илми ҷумҳурӣ донишгоҳ дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ соли равон ба даҳгонаи аввали мактабҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ шомил гардид.

Соли таҳсили 2023-2024 донишгоҳро 4505 донишҷӯ, аз ҷумла 1236 нафар дар шуъбаи рӯзона, 3074 кас дар шуъбаи фосилавӣ ва 105 нафар дар зинаи мустақили магистратура, хатм намуданд. Дар ин давра 53 донишҷӯ донишгоҳро бо дипломи аъло хатм карданд, ки ин нишондод дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 39 фоиз зиёд мебошад.

Дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии омӯзгории Алтайи Федератсияи Россия 27 омӯзгори ихтисоси забон ва адабиёти рус аз курси такмили ихтисос гузашта, соҳиби шаҳодатнома гардиданд.

Соли таҳсили 2023-2024 дар шуроҳои диссертатсионии донишгоҳ 15 омӯзгор рисолаҳои номзадиву докторӣ ҳимоя намуданд.

Донишгоҳ бо 32 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотии кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ шартнома ва қарордоди ҳамкорӣ дорад.

Зимни посух ба суоли хабарнигори рӯзномаи «Садои мардум» дар бобати бо ҷои кор таъмин намудани хатмкардагони донишгоҳ зикр шуд, ки аз 431 мутахассиси равияи омӯзгорие, ки донишгоҳро хатм карданд, 90 фоиз тибқи роҳхати Вазорати маориф ва илми мамлакат бо ҷойи кор таъмин гаштанд.

**Сулаймон СУЛТОНОВ,**
**«Садои мардум»**





## ПЛАНТАТСИЯИ ПИСТАВУ ЧОРМАҒЗУ ХУЧ МЕАФЗОЯД

**Директори Агентии хоҷагии ҷангали назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҷаббор Юсуфзода 25-уми июли соли равон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, ки дар 6 моҳи аввали соли равон дар шафати шоҳроҳ ва талу теппаҳо зиёда аз 125 ҳазор бех ниҳоли ороишӣ ва мевадиҳанда, аз қабили санавбар, туя, айлант, ақоқиё (акатсия), қайрағоч, дрони испанӣ, бодоми талхдона, настаран (хуч), шулаш, олучаи кӯҳӣ ва дигар ниҳолҳои ба иқлими маҳал, мутобиқ, шинонида шуд.**

- Дар нимсолаи аввал дар ташкилоту муассисаҳои сохтори агентӣ корҳои бунёд ва барқароркунии ҷангалзор дар 3290,7 гектар иҷро гардид, ки аз он 1968,2 гектар ба бунёди ҷангал ва 1910,9 гектар ба барқароркунии ҷангал рост меояд. Дар 311,6 гектар плантатсияи хуч, писта, чормағз ва дигар намуди дарахтон бунёд шуд,- иброз намуд Абдуҷаббор Юсуфзода.

Аз ҷониби ташкилоту муассисаҳои агентӣ 11 ҳазору 502 килограмм тухмиҳои дарахту буттаҳои гуногун ҷамъоварӣ гардид, ки замина барои рушди ниҳолпарварӣ мебошад.

Тайи ин муддат дар якҷояги бо аҳолӣ 160,7 тонна растаниҳои ғизоӣ, хӯрданибоб ва шифобахш ҷамъоварӣ гардидааст.

Абдуҷаббор Юсуфзода ёдовар шуд, ки аз ҷониби Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии хоҷагии ҷангал» лоиҳаи «Бунёди ҷангал ва агроҷангал барои мубориза бар зидди биёбоншавӣ ва афзоиши даромади мардум дар Тоҷикистон» дар ҳамкорӣ бо Хадамоти ҷангали Ҷумҳурии Корея амалӣ гардида истодааст. Дар доираи лоиҳаи мазкур бунёд ва барқароркунии ҷангалҳои саксавул, плантатсияи саноатии хуч, бунёди ниҳолхонаҳо ва ғайра дар муассисаҳои давлатии хоҷагиҳои ҷангали вилояти Суғд, ноҳияҳои Ашт ва Хуросон, инчунин, минтақаи Эсанбойи ноҳияи Рӯдакӣ ба нақша гирифта шудааст.

**С. НАҶМИДДИНЗОДА,**
**«Садои мардум»**

# АРЗИ СИПОС

**Камина соли 2000-ум, баъд аз хатми Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон, ба ҳайси табиби оилавӣ (духтури кӯдакон) дар маркази саломатии шаҳрии № 1-и шаҳри Душанбе то соли 2010 фаъолият карда ва аз он сол то бемор шудану аз по афтоданам дар маркази саломатии шаҳрии № 2-и шаҳри Кӯлоб дар вазифаи мудири шуъбаи кӯдакон ифои вазифа намудам.**




Бо ҳукми сарнавишт 12 июли соли 2023 ба дарди сахти по гирифтор шудаву якбора аз роҳравӣ монда, бо ташхиси тромбоэмболияи шадиди шараёнҳои соқи зери зонуи ҳар ду по аз ҳар ду тараф бо тромбози боло ва поёнраванда дар Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳои шаҳри Душанбе то 8-уми августи соли 2023 бистарӣ гардидам.

Дар ин муддат барои наҷотам табибони марказ талошҳои бисёр карда, чор дафъа ҷарроҳӣ шудам, ки рафти ҳар ҷарроҳӣ 5-6 соат тӯл мекашид. Дар натиҷа, пойи чапамро наҷот дода нашуд ва аз сатҳи зону поён (ампутатсия) бурида шуд ва акнун маъюби гурӯҳи 1 ҳастам. Миннат нашавад, умре дар хизмати мардуми ниёзманд қарор дошта, ҳаргиз интизори он набудам, ки рӯзе мерасаду худ ба хизмату шафқати дигарон муҳтоҷ мегардам. Бо хости Худо расо як сол буд, ки дар хонаам бе як по аз ҷо бархоста наметавонистам, вале ҳеҷ вақт иродаамро суст нагирифта, ба раҳмати Парвардигор бовар доштам.

Шукри файзу баракати Истиқлолияти давлатӣ, сулҳу оромӣ ва сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқ соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ низ беш аз пеш равнақ ёфта истодааст.

Бо ҷаҳоне умедворӣ чанде пеш барои пои сунъӣ (протез) гирифтан ба Корхонаи давлатии «Заводи протезию ортопедии шаҳри Душанбе» муроҷиат кардам. Дар муддати кӯтоҳ мутахассисони баландихтисос бо муносибати тасаллобахши хос бароям пои сунъӣ сохтанд ва барои омӯзонидани бо он роҳ гаштан маро он ҷо бистарӣ карданд. Дар ин корхона, аз роҳбар то табибу корманди қаторӣ, ҳамаро меҳрубон дидам. Ду ҳафта нагузашта, бо шукргузорӣ аз Худо ва мадади табибони ин корхона, пас аз бемории тӯлонӣ бо рӯҳияи хеле баланд ва умеди дубора ба фардо худро дигар он зан – модар ва табиби бе по намебинам. Ҳоло бо ёрии асо бошад ҳам, роҳ мегардам. Шукргузор ва шод аз он ҳастам, ки ба корхонаи мазкур бо як по омадаму аз он ҷо бо ду по баромадам.

Бинобар ин, бисёр мехоҳам арзи сипоси худ ва дигар маъюбони ҳамтақдирамро, ки бо ҳам бистарӣ будем, бо истифода аз минбари баланди Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – рӯзномаи «Садои мардум» ба Шерхон Каримов, директори генералии Корхонаи давлатии «Заводи протезию ортопедии шаҳри Душанбе», табибон Саидхон Шеров ва Зубайдулло Исломов, инчунин, ба пизишкону кормандони корхона, ки хеле мутахассисони хуб ва инсонҳои ҳалиму ғамхор ҳастанду дар табобат саҳм гузоштанд, баён намоям.

**Бо эҳтиром,**
**ЁДГОРОВА Зулфия Шоҳмузаффаровна,**
**сокини шаҳри Кӯлоб**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 30 августи соли 2024 озмуни №10-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ баргузор менамояд

| т/р | Дорандаи баланс | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора (бо сомонӣ) | Мӯҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | КВД КТН «Шарқи озод» | шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ 16 | масоҳати 33,9 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 9-уми бино | маъмурӣ | 11714 | 1 сол |
| 2 | Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе | шаҳри Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 5/3 | масоҳати 212 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 4-уми бино | маъмурӣ | 33700 | 1 сол |
| 3 | Муассисаи давлатии «Сирки давлатии Тоҷикистон» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев 2 | масоҳати 86,9 м$^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | савдо ва хизматрасонӣ | 14520 | 1 сол |
| 4 | КВД КТН «Шарқи озод» | шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ 16 | масоҳати 11,3 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 8-уми бино | маъмурӣ | 6060 | 1 сол |
| 5 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Нафту газ» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Мушфиқӣ 77 | масоҳати 70 м$^2$ аз ҳисоби тагхона ва ошёнаи якуми бинои маъмурӣ | маъмурӣ | 14280 | 1 сол |
| 6 | Нозироти андоз дар ноҳияи Рӯдакӣ | ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Сомонӣ 49 | масоҳати 6 м$^2$ аз ҳисоби бинои асосӣ | хизматрасонӣ | 3012 | 1 сол |
| 7 | КВД КТН «Шарқи озод» | шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ 16 | 2 утоқи корӣ бо масоҳати 21,3 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 10-уми бино | маъмурӣ | 8040 | 1 сол |
| 8 | Муассисаи давлатии ҷумҳуриявии «Мамнуъгоҳи таърихию фарҳангии «Ҳисор» | шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Ҳисор, деҳаи Ҳисор | масоҳати 25 м$^2$ аз ҳисоби бинои навбарқароршуда | савдо | 3530 | 1 сол |
| 9 | Муассисаи давлатии ҷумҳуриявии «Мамнуъгоҳи таърихию фарҳангии «Ҳисор» | шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Ҳисор, деҳаи Ҳисор | масоҳати 25 м$^2$ аз ҳисоби бинои навбарқароршуда | савдо | 3530 | 1 сол |
| 10 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 59 | масоҳати 25 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои №5-и марказ | савдо | 14400 | 3 сол |
| 11 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 59 | масоҳати 42 м$^2$ аз ҳисоби тагхонаи бинои №4-и марказ | савдо | 16200 | 3 сол |
| 12 | Муассисаи давлатии «Сирки давлатии Тоҷикистон» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев 2 | масоҳати 86,9 м$^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | савдо ва хизматрасонӣ | 13100 | 3 сол |
| 13 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии хизматрасониҳои фарматсевтӣ ва молҳои тиббӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов 6/7 | утоқи кории №37 бо масоҳати 26 м$^2$ аз ҳисоби бинои №19А | утоқи корӣ | 11000 | 1 сол |
| 14 | ҶСК «Экспедитсияи иктишофи геологии ҷанубӣ» | ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Озодӣ 8 | масоҳати 985 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди назди бино | истеҳсолӣ | 15000 | 3 сол |
| 15 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 59 | масоҳати 30 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи якуми бинои №7 | савдо ва хизматрасонии тиббӣ | 13860 | 3 сол |
| 16 | Корхонаи воҳиди давлатии «Комбинати полиграфии шаҳри Душанбе» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Айнӣ 126 | масоҳати 77 м$^2$ аз ҳисоби бинои корхона | истеҳсолӣ | 10440 | 3 сол |
| 17 | Муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Беҳзод 25 | масоҳати 125 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди бинои ёрирасони муассиса | хизматрасоний | 18720 | 3 сол |
| 18 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 59 | масоҳати 5 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди марказ | савдо | 3660 | 1 сол |
| 19 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев 63/3 | 1 утоқи корӣ аз ҳисоби Маркази таълимии маркетинги ташаккули имиҷ, масоҳаташ 22,78 м$^2$ | савдо | 8640 | 1 сол |
| 20 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 59 | масоҳати 36 м$^2$ аз ҳисоби бинои №7 | хизматрасонии тиббӣ | 9360 | 3 сол |
| 21 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 59 | масоҳати 5 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуд барои гузоштани таҷҳизоти бонкӣ (банкомат) | хизматрасонӣ | 12000 | 1 сол |
| 22 | КВД КТН «Шарқи озод» | шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдӣ Шерозӣ 16 | 1 утоқи корӣ бо масоҳати 10 м$^2$ аз ҳисоби ошёнаи 12-уми бино | маъмурӣ | 12000 | 1 сол |
| 23 | Муассисаи давлатии «Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ» | шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 28 | масоҳати 1 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди муассиса барои гузоштани таҷҳизоти бонкӣ | хизматрасонӣ | 12000 | 1 сол |
| 24 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Сохтмончии Ҳамадонӣ» | ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, кӯчаи Восеъ | масоҳати 300 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди корхона | истеҳсолӣ | 6000 | 1 сол |
| 25 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон» | ноҳияи Данғара, кӯчаи Исмат Шарифов 3 | масоҳати 507,92 м$^2$ аз ҳисоби бинои ошхона бо назардошти 10 адад номгӯи воситаҳои асосӣ | хӯроки умумӣ | 42000 | 3 сол |
| 26 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 59 | масоҳати 19,38 м$^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | хизматрасонӣ | 4000 | 3 сол |
| 27 | Муассисаи давлатии «Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шифобахш» | шаҳри Душанбе, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 59 | масоҳати 11,88 м$^2$ аз ҳисоби бинои муассиса | хизматрасонӣ | 2000 | 3 сол |
| 28 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев 63/3 | масоҳати 15,21 м$^2$ аз ҳисоби назди бинои №6-и донишгоҳ | хизматрасонӣ | 2851 | 3 сол |
| 29 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев 63/3 | 1 утоқи корӣ бо масоҳати 5,93 м$^2$ аз ҳисоби бинои таълимии №5 | хизматрасонӣ | 1368 | 3 сол |
| 30 | Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоии Қувваҳои Мусаллаҳи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | посёлкаи типи шаҳрии Навобод, ноҳияи Рӯдакӣ | масоҳати 10 м$^2$ аз ҳисоби ҳудуди кӯчаи Теппаи Самарқандӣ, к/х 41008 | техникӣ | 6037 | 1 сол |
| 31 | Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Душанбе, кӯчаи Чапаев 57 | масоҳати 5 м$^2$ аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 3087 | 1 сол |
| 32 | Сарраёсати таъсиррасонии фаъол ба ҷараёнҳои метеорологии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Турсунзода, хиёбони А.Миралиев, деҳаи Кулоклитеппа | масоҳати 14 м$^2$ аз ҳисоби бино ва 1 м$^2$ аз ҳисоби мачта | техникӣ | 9087 | 1 сол |
| 33 | КФ ноҳияҳои тобеи маркази КВД «Почтаи тоҷик» | шаҳри Душанбе, хиёбони Абӯалӣ ибни Сино 42/2 | масоҳати 16 м$^2$ аз ҳисоби бинои асосӣ | техникӣ | 9687 | 1 сол |
| 34 | Сарраёсати таъсиррасонии фаъол ба ҷараёнҳои метеорологии Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | шаҳри Ваҳдат | масоҳати 14 м$^2$ аз ҳисоби бинои дастаи зиддиҷолаи Ваҳдат ва 1 м$^2$ аз ҳисоби мачта | техникӣ | 9087 | 1 сол |
